# ХАДАМОТИ АЛОҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ф А Р М О И Ш № 19**

**«12» 03 соли 2026** **ш.Душанбе**

Дар бораи Талаботи ҳадди ақал ба сифати хизматрасонии алоқаи барқӣ

160.120.030.

Мутобиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ», моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва банди 10 Низомномаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №480 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Талаботи ҳадди ақал ба сифати хизматрасонии алоқаи барқӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур тибқи тартиби муқаррargардида барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Фармоиши сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июни соли 2025, №16-И «Дар бораи Талаботи ҳадди ақал ба сифати хизматрасонии алоқаи барқӣ», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 июли соли 2025, №1352 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст аз эътибор соқит дониста шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Сардори Хадамоти
алоқаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Исфандиёри Саъдулло

ХАДАМОТИ АЛОҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1403
"16" 03 с.2026с.

Замима
ба фармоиши сардори Хадамоти
алоқаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 марти соли 2026, №19

## Талаботи ҳадди ақал ба сифати хизматрасонии алоқаи барқӣ

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Талаботи ҳадди ақал ба сифати хизматрасонии алоқаи барқӣ (минбаъд – Талабот) меъёрҳои ҳадди ақали ҳатмиро барои операторон ва провайдерони хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, иҷозатномадорон оид ба банақшагирӣ, сохтмон ва истифодабарии шабакаҳо ва воситаҳои алоқа (минбаъд – иҷозатномадорони соҳаи алоқа) муайян менамояд.

2. Талабот барои ҳамаи иҷозатномадорони соҳаи алоқа, новобаста аз намуди хизматрасониҳои алоқаи барқии пешниҳодшаванда, аз ҷумла алоқаи телефонии маҳаллӣ, хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (зангҳои овозӣ ва интиқоли маълумот), хизматрасониҳои интиқоли маълумот тавассути шабакаҳои собит (статсионарӣ), фаъолият оид ба банақшагирӣ, сохтмон, истифодабарии шабакаҳо ва воситаҳои алоқа, инчунин дигар хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, ҳатмӣ мебошанд.

3. Иҷозатномадорони соҳаи алоқа вазифадоранд фаъолияти худро мутобиқи Талабот ба роҳ монда, сифати хизматрасонии алоқаи барқиро дар сатҳи на камтар аз меъёрҳои муқарраршудаи Талаботи мазкур, инчунин талаботи ҳатмии стандартҳо ва меъёрҳои техникии хизматрасонии алоқаи барқӣ таъмин намоянд.

4. Мақоми ваколатдор дар соҳаи алоқаи барқӣ (минбаъд – мақоми ваколатдор) иҷроиши Талаботи мазкурро аз ҷониби иҷозатномадорони соҳаи алоқа назорат менамояд.

### 2. МАҚСАДҲО ВА ВАЗИФАҲОИ ТАЛАБОТ

5. Мақсади Талаботи мазкур таъмини сатҳи устувор, босифат ва дастраси хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, ҳифзи манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасонии алоқаи барқӣ, рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои алоқаи барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

6. Талаботи мазкур ба танзими якхелаи меъёрҳои техникӣ нисбати хизматрасониҳои алоқаи барқӣ равона гардидаанд.

7. Талаботи мазкур барои ҳалли вазифаҳои зерин равона карда шудаанд:

- муқаррар намудани меъёрҳои ягонаи сифати ҳадди ақали хизматрасониҳои алоқаи барқӣ барои ҳамаи иҷозатномадорони соҳаи алоқа;

ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1403
"16" 03 с.2026с

- муқаррар намудани нишондиҳандаҳои ҳатмии сифати хизматрасониҳои алоқаи телефонии маҳаллӣ, хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (зангҳои овозӣ ва интиқоли маълумот), хизматрасониҳои таҳвили маълумот тавассути шабакаҳои собит (статсионарӣ), фаъолият оид ба банақшагирӣ, сохтмон, истифодабарии шабакаҳо ва воситаҳои алоқа ва дигар хизматрасониҳои алоқаи барқӣ;

- таъмини фарогирии кофии шабака, устувории хизматрасониҳо, бехатарии техникӣ ва мутобиқати инфрасохтор ба стандартҳои амалкунанда ва меъёрҳои техникии хизматрасониҳои алоқаи барқӣ;

- риояи ҳатмии талаботҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникӣ, ки бехатарӣ ва сифати хизматрасониҳои алоқаи барқиро аз ҷониби ҳамаи иҷозатномадорони соҳаи алоқа танзим менамоянд;

- ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасонии алоқаи барқӣ тавассути баррасии шаффоф ва саривақтии муроҷиатҳои онҳо ва ҷуброни зарари расонидашуда;

- пешгирии пешниҳоди хизматрасониҳои бесифати алоқаи барқӣ ва таъмини сатҳи устувор ва боэътимоди пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи барқӣ;

- таъмини фаъолияти муътадили шабакаҳои алоқаи барқӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ва иҷрои талаботҳои вобаста ба амнияти миллӣ;

- татбиқи чораҳои зарурии огоҳкунӣ, вокуниш ва чораҳои маҳдудкунанда нисбати шахсоне, ки Талаботи мазкурро вайрон мекунанд;

- мусоидат ба рушди рақамикунонии соҳаи алоқаи барқӣ;

- таъмини ҷорикунии стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи телекоммуникатсия дар фаъолияти субъектҳои соҳаи алоқаи барқӣ.

8. Меъёрҳои ҳадди ақали сифати хизматрасониҳои алоқаи барқӣ дар ҷадвалҳои ба Талаботи мазкур замимашуда, оварда шудаанд.

## 3. ТАРТИБИ АМАЛӢ НАМУДАНИ НАЗОРАТИ РИОЯИ ТАЛАБОТ

9. Назорат аз ҷониби мақоми ваколатдор тавассути гузаронидани мониторинги техникӣ ва дигар шаклҳои назорат амалӣ карда мешавад.

10. Ҳангоми анҷом додани мониторинги техникӣ мақоми ваколатдор мониторинги доимии техникии шабакаҳои иҷозатномадорони соҳаи алоқа, аз ҷумла параметрҳои сифати хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, фарогирӣ, устуворӣ ва мутобиқат ба меъёрҳои техникӣ, санҷиши ҳаракаткунанда (drive-test), тестҳои статсионарӣ, ченкунии параметрҳои шабака, мониторинги бехатарии шабакаро амалӣ намояд.

## 4. ҲИСОБОТДИҲӢ ВА ПЕШНИҲОДИ ИТТИЛООТ

11. Иҷозатномадорони соҳаи алоқа вазифадоранд:

- ҳар семоҳа ба мақоми ваколатдор ҳисобот оид ба нишондиҳандаҳои асосии сифати хизматрасониҳои алоқаи барқӣ дар мӯҳлати на дертар аз 10-уми моҳе, ки баъд аз анҷоми семоҳа меояд, пешниҳод намоянд;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1403
«16» 03 с.2026

- дар бораи пастшавии сатҳи сифати хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, сабабҳои чунин пастшавӣ, инчунин дар бораи чораҳои бартарафсозии камбудиҳо дар давоми 10 рӯзи корӣ пас аз ошкор шудани пастшавии сифати хизматрасониҳо ба мақоми ваколатдор иттилоот ирсол намоянд;

- дар ҳолатҳои фавқулоддаи қатъшавӣ ё пастшавии назарраси сифати хизматрасониҳои алоқаи барқӣ мақоми ваколатдор, инчунин истифодабарандагони хизматрасонии алоқаи барқиро фавран огоҳ намоянд.

12. Иҷозатномадорони соҳаи алоқа вазифадоранд ба истифодабарандагони хизматрасонии алоқаи барқӣ зарари дар натиҷаи пешниҳод намудани хизматрасониҳои бесифати алоқаи барқӣ расонидашударо ҷуброн намоянд.

## 5. ТАЛАБОТ ОИД БА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ ДАВЛАТӢ

13. Иҷозатномадорони соҳаи алоқа бояд афзалияти мутлақи иттилоотро вобаста ба бехатарии ҳаёти инсон, иттилоот дар бораи мудофиа, амнияти миллӣ ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, оид ба офатҳои табиӣ, паҳншавии эпидемияҳо ва дигар ҳолатҳои фавқулода, дар бораи хадамоти садамавию таъҷилиро таъмин намоянд.

14. Иҷозатномадорони соҳаи алоқа бояд истифодаи радиобасомадҳо ва инфрасохторро мутобиқи дастурҳои мақоми ваколатдор дар ҳолатҳои муқарраршуда танзим намоянд.

15. Мақоми ваколатдор танзими пайвастшавии байнишабакавии байналмилалӣ ва дохилиро ба шабакаҳои алоқаи барқӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» назорат менамояд.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

16. Мутобиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» ҳангоми дағалона ё такроран вайрон кардани меъёри сифат, хизматрасонии алоқаи барқӣ то бартараф кардани камбудӣ боз дошта мешавад.

17. Барои риоя накардани муқаррароти Талаботи мазкур иҷозатномадорони соҳаи алоқа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1403
"16" 03 с.2026

Замима
ба Талаботи ҳадди ақал ба сифати
хизматрасонии алоқаи барқӣ

Ҷадвали 1. Меъёрҳои ҳадди ақал ба сифати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (зангҳои овозӣ)

| Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳои ҳадди ақал ва давраҳои амали онҳо аз рӯйи солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шаҳру ноҳияҳо (≥ 10 ҳазор нафар) | | | Дигар маҳалҳои аҳолинишон (< 10 ҳазор нафар) | | | Роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявӣ | | |
| | 2026 | 2027 | 2028 | 2026 | 2027 | 2028 | 2026 | 2027 | 2028 |
| Ҳиссаи зангҳои номуваффақ аз шумораи умумии зангҳо (%) | ≤ 5 | ≤ 3 | ≤ 2 | ≤ 10 | ≤ 8 | ≤ 5 | ≤ 15 | ≤ 10 | ≤ 8 |
| Ҳиссаи зангҳои қатъгардида бе ихтиёрӣ муштарӣ (%) | ≤ 5 | ≤ 3 | ≤ 2 | ≤ 10 | ≤ 8 | ≤ 5 | ≤ 15 | ≤ 10 | ≤ 8 |
| Ҳиссаи пайвастшавии овозӣ бо возеҳияти пасти нутк (< 1.6 MOS) (%) | ≤ 5 | ≤ 4 | ≤ 3 | ≤ 10 | ≤ 8 | ≤ 5 | ≤ 12 | ≤ 10 | ≤8 |
| Возеҳияти миёнаи нутқ (MOS) | ≥ 3 | ≥ 3.3 | ≥ 3.6 | ≥ 2.8 | ≥ 3 | ≥ 3.3 | ≥ 2.8 | ≥ 3 | ≥ 3.3 |
| Вақти миёнаи пайвастшавӣ (сония) | ≤ 7 | ≤ 6 | ≤ 5 | ≤ 9 | ≤ 8 | ≤ 7 | ≤10 | ≤ 9 | ≤ 8 |
| Меъёри дастрасии гузариш (Handover Success Rate %) | ≥ 98–99 | | | ≥ 96–98 | | | ≥ 95–97 | | |
| Дастрасӣ (Availability / Uptime) (дар моҳ %) | ≥ 99.5 | | | ≥ 99.0 | | | ≥ 98.5 | | |

*Эзоҳ: Талаботи ҳадди ақали мазкур хусусияти доимӣ дошта, баъд аз соли 2028 низ то тасдиқи меъёрҳои нав амал мекунанд.*

Корҳои профилактикӣ ва хизматрасонӣ:

Корҳои нақшавӣ – танҳо дар соатҳои шабона (тақрибан аз соати 00:00 то соати 06:00).
Огоҳкунии Мақоми ваколатдор ва истифодабарандагони хизматрасонии алоқаи барқӣ (муштариён) – на камтар аз 72 соат пеш аз оғози корҳо.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 8403
"16" 03 с.2026

Ҷадвали 2. Меъёрҳои ҳадди ақал ба сифати хизматрасониҳои таҳвили маълумот (дастрасӣ ба шабакаи Интернет) тавассути шабакаҳои мобилӣ

| Нишондиҳанда | Меъёрҳои ҳадди ақал ва давраҳои амали онҳо аз рӯйи солҳо | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шаҳрҳо (≥ 10 ҳаз. нафар) | | | | | | Дигар маҳалҳои аҳолинишин (< 10 ҳаз. нафар) | | | | | | Роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявӣ | | |
| | 2026 | | 2027 | | 2028 | | 2026 | | 2027 | | 2028 | | 2026 | 2027 | 2028 |
| Коэффитсиенти дастрасии хизматрасониҳои қабули маълумот (Downlink) | ≥ 90% | | ≥ 95% | | ≥ 98% | | ≥ 85% | | ≥ 90% | | ≥ 95% | | ≥ 75% | ≥ 80% | ≥ 85% |
| Коэффитсиенти дастрасии хизматрасониҳои интиқоли маълумот (Uplink) | ≥ 90% | | ≥ 95% | | ≥ 98% | | ≥ 85% | | ≥ 90% | | ≥ 95% | | ≥ 75% | ≥ 80% | ≥ 85% |
| Коэффитсиенти қатъшавии интиқол ҳангоми қабули маълумот (Downlink) | ≤ 5% | | ≤ 3% | | ≤ 2% | | ≤ 8% | | ≤ 5% | | ≤ 3% | | ≤ 20% | ≤ 15% | ≤ 12% |
| Коэффитсиенти қатъшавии интиқол ҳангоми интиқоли маълумот (Uplink) | ≤ 5% | | ≤ 3% | | ≤ 2% | | ≤ 8% | | ≤ 5% | | ≤ 3% | | ≤ 20% | ≤ 15% | ≤ 12% |
| Суръати миёнаи боргирӣ (Download) | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 4G | 4G |
| | 10 Мбит | 30 Мбит | 12 Мбит | 40 Мбит | 15 Мбит | 50 Мбит | 5 Мбит | 10 Мбит | 7 Мбит | 15 Мбит | 10 Мбит | 20 Мбит | 3 Мбит | 5 Мбит | 7 Мбит |
| Суръати миёнаи интиқол (Upload) | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 5G | 4G | 4G | 4G |
| | 3 Мбит | 15 Мбит | 5 Мбит | 20 Мбит | 8 Мбит | 25 Мбит | 1 Мбит | 5 Мбит | 3 Мбит | 10 Мбит | 5 Мбит | 15 Мбит | 1 Мбит | 3 Мбит | 5 Мбит |

*Эзоҳ: Талаботи ҳадди ақали мазкур хусусияти доимӣ дошта, баъд аз соли 2028 низ то тасдиқи меъёрҳои нав амал мекунанд.*

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РЕЕСТРИ ВАҲДОНИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1403
«16» 03 с.2026

Ҷадвали 3. Меъёрҳои ҳадди ақали сифати хизматрасониҳои интиқоли маълумот (дастрасӣ ба шабакаи Интернет) тавассути шабакаҳои собит (статсионарӣ) барои шахсони воқеӣ

| Намуди хизматрасонӣ | Технология | Меъёрҳои ҳадди ақалли суръати дастрасӣ ва давраҳои амали онҳо аз рӯйи солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| Дастрасӣ ба Интернет | Ethernet / xPON | 50 Мбит/с | 60 Мбит/с | 80 Мбит/с | 90 Мбит/с | 100 Мбит/с |
| Дастрасӣ ба шабакаи миллӣ (Intranet) | Ethernet / xPON | 70 Мбит/с | 100 Мбит/с | 300 Мбит/с | 500 Мбит/с | 1 Гбит/с |
| Дастрасии шабака (SLA) | | 99,9 % | 99,9 % | 99,9 % | 99,9 % | 99,9 % |
| Вақти бартарафсозии садамаҳо (барои шаҳрҳо) | | ≤ 12 соат | ≤ 12 соат | ≤ 12 соат | ≤ 12 соат | ≤ 12 соат |
| Вақти бартарафсозии садамаҳо (барои маҳалҳои аҳолинишини дурдаст) | | ≤ 24 соат | ≤ 24 соат | ≤ 24 соат | ≤ 24 соат | ≤ 24 соат |

*Эзоҳ:*

*1. Муҳлати бартарафсозии садамаҳо набояд ба дастрасии шабака таъсир расонад, зеро шабака бояд дорои захираи кофӣ бошад, то қатъии хизматрасонӣ пешгирӣ гардад.*

*2. Талаботи ҳадди ақали мазкур хусусияти доимӣ дошта, баъд аз соли 2028 низ то тасдиқи меъёрҳои нави Мақоми ваколатдор амал мекунанд.*

Ҷадвали 4. Меъёрҳои ҳадди ақали сифати алоқаи телефонии маҳаллӣ

| Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳои ҳадди ақал |
|---|---|
| Дастрасии шабака | На камтар аз 99% дар як моҳ |
| Эҳтимолияти рад кардани пайвастшавӣ | На зиёда аз 1% |
| Вақти барқарорсозии пайвастшавӣ | На зиёда аз 3 сония |
| Вақти бартарафсозии садамаҳо (шаҳрҳо/ноҳияҳо) | То 24 соат |
| Вақти бартарафсозии садамаҳо (деҳаҳо, маҳалҳои аҳолинишини дурдаст) | То 72 соат |
| Сифати овоз (MOS) | На пасттар аз ITU-T G.107 / MOS ≥ 3,5 |
| Дастгирии техникии шабонарӯзӣ | Хизматрасонӣ 24/7 |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1903
"16" 03 с.2026